**Дастурамал**

**Оиди ҳисоботи омории шакли №1-сардхона ва анборхона – (фаврӣ) «Ҳисобот дар бораи захираи маҳсулоти кишоварзӣ ва маводи тайёри озуқа»**

Ҳисоботи омории шакли №1 – сардхона ва анборхона дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 апрели соли 2017 № 177 «Дар бораи сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2017-2018» ва вобаста ба банди 3-юми Нақшаи чорабиниҳо «Оид ба сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2017-2018» омода карда шудааст.

Шакли омории шакли №1-сардхона ва анборхона Бо Фармоиши Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 01.06 с.2017 –ум №25 тасдиқ карда шудааст

Мақсади ҳисобот, гирифтани маълумотҳои эътимоднок дар бораи истеҳсол, захираи маҳсулоти кишоварзӣ, маводи тайёри озуқа, маҳсулот ворид шуд (харидорӣ шуд), ба фурӯш бароварда шуд ва бақияи он дар охири давра, мебошад.

Ташкилоту корхонаҳо сарфи назар аз шакли моликияташон, ки сардхона (анборхона) доранд, ҳисоботи омории шакли №1–сардхона ва анбохонаро ба мақомоти омори маҳаллӣ (ноҳия, шаҳр) аз рӯи маҳалли ҷойгирифтаашон то санаи 8, ба ҳолати 1 – уми ҳар моҳ (фаврӣ) бо усули электронӣ пешниҳод менамоянд.

Дар ҳисоботи мазкур миқдори мавҷудаи захираи маҳсулотҳои кишоварзӣ ва захираи маводи тайёри озуқа нишон дода мешавад.

Нишондиҳандаҳо дар ҳисобот, бо ҷамъи афзоянда пешниҳод карда мешаванд.

Дар сатри 01-ҳамаи намуди ғалладонагиҳо (якҷоя бо ҷуворимакка барои дон), аз ҷумла, миқдори мавҷудаи гандум, ҷавдор, ҷав, ҷуворимакка барои дон ва шолӣ ба санаи ҳисоботӣ нишондода мешавад;

Аз миқдори умумии сатри 01, дар сатрҳои 02-гандум, 03-ҷавдор, 04-ҷав, 05-миқдори мавҷудаи шолӣ ва 06 – миқдори мавҷудаи захираи ҷуворимакка новобаста аз он, ки барои дон ё силос захира шудааст нишон дода мешавад;

Дар сатри 07. Зироатҳои техникӣ – миқдори мавҷудаи захира нишон дода мешавад;

Аз миқдори умумии сатри 07, дар сатрҳои 08 – дони офтобпараст ва 09 – миқдори захираи зағир нишон дода мешавад;

Дар сатри 10. Картошка – миқдори мавҷудаи захираи картошка дар ҳамаи давраҳоро дар бар мегирад.

Сатри 11. Сабзавот, ҳамагӣ – миқдори мавҷудаи ҳамаи намудҳои захираи сабзавотро дар бар мегирад.

Аз миқдори умумии сатри 11, дар сатрҳои 12 – сабзӣ, 13 – бехпиёз, 14 – сирпиёз ва 15 – миқдори захираи каду нишон дода мешавад;

Дар сатри 16. Мевагиҳо, ҳамагӣ – миқдори мавҷудаи захираи мевагиҳо, ҳамагӣ нишон дода мешавад;

Аз миқдори умумии сатри 16, дар сатри 17 – меваҳои тухмдор (себу нок ва биҳӣ), аз ҷумла: сатри 18 – себ ва 19 – нок, сатри 20 – меваҳои донакдор (зардолу, олу, гелос, шафтолу ва ғайраҳо), аз ҷумла сатри 21 – зардолу, сатри 22 – меваҳои мағздор (чормағз, писта, бодом ва ғайраҳо), аз ҷумла сатри 23 – чормағз, сатри 24 – писта, сатри 25 – бодом ва дар сатри 26 – меваҳои субтропикӣ (анор, анҷир, хурмо ва ғайраҳо), аз ҷумла, дар сатри 27 – анор ва дар сатри 27а – ангур нишон дода мешавад;

Дар сатри 28 -Захираи орд – миқдори мавҷудаи захираи орд, сатри 29 – захираи шакар, сатри 30 – захираи равған, сатри 31 – захираи консерва ва дар сатри 32 – захираи биринҷ нишон дода мешавад;

Дар сутуни А – номгӯи маҳсулот, сутуни Б – воҳиди ченак, сутуни 01 – бақия дар аввали давра, сутуни 02 – маҳсулот ворид шуд (харидорӣ шуд), сутуни 03 – маҳсулот ба фурӯш бароварда шуд ва дар сутуни 04 – бақияи маҳсулот дар охири давра нишон дода мешавад.